

**РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ЭКСТРЕМИЗМ**

Имрӯзҳо тариқи ВАО дар мавриди гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро андешаҳои гуногун инъикос мегардад. Коршиносон муайян кардаанд, ки ифротгароӣ (экстремизм) ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо даъват ба нооромӣ, дигаргунсозии сохти конститутсионӣ дар кишвар, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ин гурӯҳи шахсон бо содир кардани кирдорҳои ифротгароёна мақсади ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти давлатдорӣ ва халалдор сохтани ягонагии мамлакат, зарар расонидан ба амният, ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ, ангезонидани муноқишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин, муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст, паст задани шаъни миллӣ, ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ ва ғайраҳоро доранд. Боиси таасуф аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавононе ёфт мешаванд, ки ба чунин гурӯҳҳо ифротгаро шомил шуда, дар пешрафти кишвар монеа эҷод мекунанд. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки сабабҳои даст задан ба кирдорҳои ифротгароӣ ва ворид шудан ба равияҳои тундгаро дар ҶТ пеш аз ҳама ба омилҳои дар сатҳи паст будани тарбияи фарзандон дар оила ва дар сатҳи паст қарор доштани дониши ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон мебошад. Коршиносони соҳа беаҳамиятии падару модарро нисбат ба фарзанд омили даст задани онҳо ба ҳар кирдорҳои ғайриқонунӣ маънидод кардаанд. Ҳамзамон ба мутолиаи қонунҳо ва маҷаллаҳои даврӣ, адабиёти ҳуқуқӣ ва консепсияҳои ҳуқуқӣ майл надоштани ҷавононро омили дигар

мепиндоранд. Мо бар он андешаем, ки омилҳои пешгирӣ намудани ҷавонон аз кирдорҳои ифротӣ танҳо дар оилаи солим будани онҳо вобаста аст. Яъне бояд оила солим ва волидайн росткору росткирдор бошанд. Тавре мегӯянд, «агар оила инкишоф наёбад, давлат хуб инкишоф намеёбад». Дар ҳақиқат Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш – 1-уми сентябр ба падару модарон хуб муроҷиат намуд, ки «сармоягузорӣ барои рушди фарзандон дар айни замон сармоягузорӣ барои ояндаи осудаи худи фарзандон ва волидайн, ободии давлат ва пешрафти ҷомеа мебошад».

Масъалаи дигаре, ки имрӯз бояд аҳли ҷомеа ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд, ин тарбияи ҳуқуқии наврасону ҷавонон мебошад. Боиси хурсандист, ки Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар суханронии худ бевосита ба масъалаҳои таълим ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон ишора мекунанд. Ҷаноби Олӣ дар яке аз баромадҳояш гуфта буд, ки - **“**Итоат ба қонун бояд ба одати ҳар шаҳрванд табдил ёбад**”.** Ин гуфтаи Сарвари давлат моҳияти миллии тарбияи ҳуқуқии аҳолии кишварро арзёбӣ менамояд. Дарки зарурии тарбияи ҳуқуқӣ ва афзалгардонии нақши он дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирӣ аз ҳама гуна зуҳуроти номатлуби зидди ҷомеаи инсонӣ хеле калон аст. Дар ин бора Фармони Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 9-уми апрели соли 1997 №691 “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997 № 883 “Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар кардани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ” қабул карда шудааст, ки метавонад дар баланд бардоштани дониши ҳуқуқии ҷавонон кумак кунад.

Дар интиҳо гуфтаниям, ки мо-ҷавонон бояд Ватани худро сидқан дӯст дорему меҳанпарасти воқеӣ бошем. Ба ҳар гурӯҳҳои ифротӣ нагаравему шукронаи неъмати бузургтарин ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем. Барои ҳимояи сарзамини аҷдодӣ, барои ҳифзи дастовардҳои даврони Истиқлол, марзу буми Ватан, арзишҳои миллию

фарҳангӣ ҳамеша омода бошем ва ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ҳар лаҳза хонему заҳмати босамар кашем.

**Алишери А.**